۳۲

МУХТАРАМ ЖОЛА!

Ба шумо аз Точикистони хуррамзамин ва ихлосманди дерини шумо саломи саршор аз мехру мухаббат ва эхтиром мефиристем.

Имрӯзхо дилбохтагони назми баландпарвоз китоби нави шумо "Зинда руд"-ро тӯхфа гирифтанд, ва аз ин тӯхфаи қиматбахо хеле хушнуд мебошанд. Шумо бо акси зебо ба бо ашъори дилпазири худ вориди хар як хонадони точик мешавед, ва хар як точики шеърдӯстро волаву шайдои худ месозед. ~~Авшпашивоп~~ Вакте, ки сахифаи китоб боз мегардад, ва чашм ба акси шумо меафтад ба хуби дида мешавад, ки аз чашмони шумо шарораи ишку уммед ва назми баландпарвоз хувайдост. Ман хостам ки ба адреси шумо чанд нусха китоби наватонро бифиристам. Агар лозим бошад , шумо бигӯед, боз мефиристам.

Жолаи азиз! Точикистон симои зебои шуморо хеле ёд кардааст ва мехохад гох-гохе дидори шуморо бубинад. Шумо хангоми бахор чанд рӯзе мехмони Точикистон шудед, аммо зуд ба хонаи хеш баргаштед. Чи тавре, ки худи шумо мегӯед:

Як лахза шукуфтӣ чу гули тозабахорӣ,
Чун ахтари шабгард дурахшидию рафтӣ!

Мо аз дидани дидори шумо хеле шод хохем шуд ва мо аминем, ки шумо Точикистонро фаромӯш накарда, гох-гохе кадам бар остонаи он менихед. Агар шумо ашъори тозаи худро барои бо радио шунавонидан лутфан ба мо мефиристондед, мо хеле сарфароз мешудем. Ба шумо саломатӣ ва хушбахтии бардавом орзӯ мекунем, ва дар корхои эчрдиатон комьёбихо хохонем.

Бо салом: Рачабали Кудратов. 23/Х-64 с.